# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолӣ барои рушди ҳаматарафаи насли наврас имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад. Дар назди соҳаи маориф вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад, ки яке аз онҳо рушди минбаъдаи маорифи муосир ва мактабҳои миллӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумлаи шароитҳои зарурие, ки барои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна муҳим documentation дониста мешаванд, ин худшиносии миллӣ мебошад.

Масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ имрӯз хеле мубрам арзёбӣ мешавад, зеро бидуни ин сифати шахсӣ умуман, ягон хел тарбияи маънавии шахс имконнопазир аст. Шахсият бошад, ин инсонест, ки дар оғӯши таъриху фарҳанги халқи худ рушд мекунад. Инсони орӣ аз сифати шаҳрвандӣ ин инсони берун аз таърих ва хориҷ аз олами маънавӣ аст, яъне инсони маҳрум аз муҳимтарин сифатҳои инсонӣ аст. Пас, бидуни тарбияи шаҳрвандӣ наметавон, инсони комилро тарбия кард.

Роҳи асосии тарбияи шаҳрвандон ва ватандӯстони шоиста ин ташаккули сифати шаҳрвандӣ дар раванди таълим дар мактаб аст, ки ба ин мақсад бояд тамоми имкониятҳои ҳамаи фанҳои таҳлимӣ истифода бурда шавад.

Дар ин радиф ҳадафи мазмуни таълиму тарбия тағйир ёфта, усул ва технологияҳои навини педагогӣ мавриди истифода қарор мегиранд, таҷрибаҳои сершумор гузаронида мешаванд, ки дар рафти онҳо муҳайё намудани шароит барои ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар мадди аввал қарор мегирад.

Рисолаи илмии муҳаққиқ Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» маҳз ба таҳқиқи масъалаи мазкур, таҳқиқу коркарди роҳу воситаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон

тавассути худомӯзӣ, фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ бахшида шудааст.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола дар он ба назар мерасад, ки муаллиф масъалаи худомӯзии хонандагонро ҳамчун заминаи асосии ташкили тарбияи шаҳрвандӣ таҳқиқ намуда, истифодаи онро мавриди ташхиси сатҳи салоҳияти омӯзгорону волидон муфид меҳисобад.

Боиси зикр аст, ки дар рисола зимни баррасии масъалаи шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ маводи зиёди назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нақш ва мақоми худомӯзӣ дар самарабахшии фаъолияти таълимӣ ва ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон арзёбӣ гардидааст.

Аз ҷумла, зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмӣ Нарзуллоев Ҳ.С. муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро тадқиқ намуда, дар асоси маводи таҳлилшуда шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагонро тавассути худомӯзӣ коркард ва татбиқ намудааст.

Муаллиф муҳимияти тарбияи шаҳрвандии хонандагонро дар шароити ҳозира ба сифати масъалаи педагогӣ гузошта, дуруст қайд кардааст, ки ҷомеаи муосир дар назди волидон вазифаи тарбия намудани фарзандонро мегузорад, ки тавонанд, мустақилона ба шароити тағйирёбандаи ҳаётӣ мутобиқ гарданд, донишҳои заруриро аз худ намоянд ва онро дар амалия истифода намоянд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи раванди ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

Диссертатсияи пешниҳоднамудаи Нарзуллоев Ҳ.С. ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар шароити муосир барои ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондан ва ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ бо назардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида вазифаҳои зеринро муайян намудааст:

1. Дар асоси таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ба таври дақиқ муайян кардани мафҳуми «тарбияи шаҳрвандии хонандагон»;

2. Таҳияи модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон бо истифода аз имкониятҳои худомӯзӣ, муайян кардани шаклҳо, методҳо ва воситаҳое,

ки ба рушди тарбияи шарҳвандӣ мусоидат хоҳанд кард; дар таҷриба санҷидани самарабахшии модели таҳиягардида;

3. Муайян кардани имкониятҳои педагогии худомӯзӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон;

4. Ошкор кардани хусусиятҳои фарқкунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ;

5. Асоснок кардани шароитҳои педагогие, ки барои тарбияи муваффақонаи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ заруранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки:

1. Мазмуни мафҳуми «тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» дақиқ карда шуд, ки мо онро ҳамчун маҷмӯи донишҳо, қобилиятҳо, таҷриба, ангезаҳо ва арзишҳое мефаҳмем, ки барои ҳар як шаҳрвади Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд;

2. Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки мақсади меъёрҳои ташаккули тарбияи шаҳрвандии хонандагон, шаклҳо, методҳо ва воситаҳо, марҳилаҳои ташаккул ва сатҳи тарбияи шаҳрвандии хонандгон тавассути худомӯзиро фаро мегирад, таҳия карда шудааст;

3. Қисмҳои таркибии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва муҳтавои онҳо муайян карда шудааст;

4. Имкониятҳои педагогии роҳҳои худомӯзӣ, ки ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон мусоидат мекунанд, муайян карда шуд;

5. Хусусиятҳои фарқкунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ошкор карда шудааст;

6. Бо далелҳои мушаххас шароитҳои педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**

Масъалаи шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ бори аввал мавриди тадқиқи фарогир қарор гирифтааст. Таҳқиқ ва омӯзиши шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар илми педагогикаи ватанӣ аҳамияти назаррас ва амиқи назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз ҷумла:

- барои пажӯҳиш ва рушди таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ кумак хоҳад расонд;

- дар ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ба омӯзгорон ёрии амалӣ хоҳад расонд;

- ҳамчун дастури маърифатӣ-таълимӣ барои мутахассисони соҳаи маориф хидмати беминнат хоҳад кард;

- маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, қомуснома ва солномаҳои таърихӣ истифода гардад;

- чун роҳнамо ва дастур дар самти интихобшудаи илми педагогикаи ватанӣ истифода бурда мешавад;

- таҳқиқот метавонад бартариятҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагонро тавассути худомӯзӣ собит кунад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот**

Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таҳия ва дар амал санҷида шуд; тавсияҳои методӣ доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таҳия шуданд.

Масъалаи истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузурги амалӣ дорад.

Омӯзгорон ва дастандаркорони соҳаи маориф, ки ба масъалаҳои ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон, таълиму тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ сару кор доранд, аз рисола васеъ истифода бурда метавонанд.

**Саҳми унвонҷӯй дар таҳқиқот** аз гузарондани таҳлили системавии проблемаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ошкор намудани шароитҳои педгогӣ ва таҳияи модели сохторӣ-вазифавии тарбияи хонандагон тавассути худомӯзӣ, коркарди таъминоти илмӣ - методии раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, гузарондани корҳои таҷрибавӣ доир ба модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва таҳияи натиҷаҳои озмоиши педагогӣ иборат аст.

Тарҳи рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ рехта шуда, он аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда ва замима таркиб ёфтааст. Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия талаботҳо доир ба иҷрои кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бахш бо низоми муайян пай дар пай оварда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия - «Таҳқиқи масъалаҳои педагогӣ-назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» буда, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии тарбияи шаҳрвандии хонандагонро дар илми педагогика баррасӣ мекунад. Дар ин боб масъалаҳои мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф анъанаҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик, имкониятҳои рушди шахсияти онҳоро бо арзишҳои умумибашарӣ сарчашмаи абадие мешуморад, ки тамоюлҳои асосии корҳои таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна муайян менамоянд ва чунин ташаббусҳои бисёр муҳимеро ба мисли кишваршиносӣ, таҷдиди ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи онҳо ба амал меоранд, барои рушди осори бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мусоидат мекунанд.

Ӯ қайд мекунад, ки дар назди маорифи халқ вазифаҳои бисёр ҳам ҷиддие гузошта шудааст, ки яке аз онҳо эҳёи маориф ва мактабҳои миллӣ мебошад. Дар асл, шарти зарурии рушди мактабҳо худшиносии миллӣ буда, мактаб дар ҷомеаи мо набояд аз пояҳои миллӣ, таърих ва забони модарӣ дур бошад.

Тарбияи шаҳрвандӣ дар худ ҳамаи зинаҳои корҳои тарбиявӣ, оғоз аз оила, муассисоти таълимӣ, меҳнатӣ, коллективҳои низомӣ ва ғайра то мақомоти олии давлатиро фаро мегирад. Он ташкили чорабинҳо доир ба тарбияи шаҳрвандиро ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ, дар сатҳи коллективҳои ҷудогона ва ҳам гузарондани корҳои тарбиявии инфиродӣ бо хонандагони ҷудогонаро талаб менамояд.

Ба андешаи муаллиф барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ истифодаи бозиҳо хеле муҳим мебошанд. Чунин бозиҳое фоидабахшанд, ки дар онҳо ашёи аз ҷиҳати шакл монанд, вале аз ҷиҳати ҳаҷм мутафовит ба кор бурда мешаванд, инчунин бозиҳо бо интихоби ашёи дорои ранги интихобшуда ҳам дар ин кор фоидабахш дониста мешаванд. Бозӣ бахши табиии тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила тавассути худомӯзӣ, асоси ҳиссиёти фараҳбахш бо шумор мервад, ки нерӯи бузурги тарбиявӣ дорад. Маҳз барои ҳамин дар кори

худ мо ҳама вақт бозиҳо, ҳам бозиҳои таълимӣ ва ҳам бозиҳои мардумиро, ба кор мебарем.

Албатта, дар ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон нақши оила, ҳунарҳои мардумӣ, телевизион, рӯзномаю ва маҷаллаҳо, адабиёти бадеӣ, интернет, дарсҳои устоди коршиносон (мастер - класс), расму оин ва анъанаҳои миллиро пояи фазои ахлоқӣ – маънавӣ мешуморад.

Омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таълимӣ оид ба масъалаи мазкур аз масъалаҳое мебошад, ки ба муҳтаво, усул ва шаклҳои муассири арзёбии он, интихоби методология ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти назариявӣ-амалии онҳоро муҳим мешуморад. Зеро танҳо тавассути дарки бонизоми фаъолияти худомӯзӣ ҳамчун шакли омӯзишӣ метавон ба ташхиси мавқеи педагогика дар самти тарбияи шаҳрвандӣ, масъалагузорӣ, муайян намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои он муваффақ гардид.

Боби дуюм – «Модели педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути худомӯзӣ» - модели тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила, самарабахшии мундариҷа ва модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ баррасӣ гардидааст.

Ба андешаи диссертант худомӯзӣ, умуман ба мисли тарбия, вазифаи ҷамъиятиро доир ба ташаккули шахсият анҷом медиҳад. Ба мисли тарбия, худомӯзӣ ҳам як раванди мақсадноку ихтиёрона ва бошууронаи ташаккули сифатҳои ахоқӣ – психологии шахс ба шумор меравад. Аз ин рӯ, худомӯзиро метавон, ҳамчун кори огоҳонаю мақсаднок аз болои худ маънидод кард, ки ба ташаккули чунин сифатҳои шахс равона гардидааст, ки он сифатҳо ба талаботи ҷомеа ва барномаи шахсии рушд ҷавобгӯ мебошанд.

Худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон аз болои худ ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ, аз худ кардани малакаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ ба шумор меравад.

Ҳангоми коркарди модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурииии Тоҷикистон

тавассути воситаҳои худомӯзӣ ба бархӯрдҳою принсипҳои умумипедагогӣ: муайян намудани заминаҳои педагогӣ, чудо намудани дарс ҳамчун шакли асосии таълим, ташкил кардани дарси дорои хусусияти худомӯзӣ,    муайян кардани ҷузъҳои таркибию меъёрҳои самарабахши кор доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳуриии Тоҷикистон тавассути воситаҳои худомӯзӣ, такя карда шудааст.

Натиҷаҳои ҷустуҷӯҳои назариявӣ дар коркарди модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳуриии Тоҷикистон тавассути воситаҳои худомӯзӣ, ки дар чаҳорчӯби корҳои озмоишӣ тасдиқ шуданд, инъикос ёфтаанд. Санҷиши таҷрибавии тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳуриии Тоҷикистон тавассути воситаҳои худомӯзӣ аз самарабахшии истифодаи модели коркадшудаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳуриии Тоҷикистон тавассути воситаҳои худомӯзӣ гувоҳӣ медиҳад.

Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводи мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо таълиф намуда, фикру андешаҳои худро дар такя бо нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳои пешниҳодкардашуда арзёбӣ намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории диссертатсия мувофиқат мекунад.

Интихоби усул ва тарзи таълим, амалигардонӣ ва санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ босамар ба роҳ монда шуда, барои ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва фишурдаи он, таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ, гузориш дар конфронсу семинарҳо кӯшиш ба харҷ дода шудааст. Аз ҷумла, 5 адади мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили омори математикӣ иборат аст, ки хоси таҳқиқоти педагогӣ –иҷтимоӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари мо, рисолаи илмии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар педагогикаи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфиданд:

1. Таҳқиқоти диссертатсионӣ фоидаовар хоҳад буд, агар аз ҷониби муҳаққиқ намунаи нақшаи ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ муфассалтар шарҳ дода мешуд. Ин ҷабҳаи амалии таҳқиқотро боз мукаммалтар мегардонид.

2. Дар диссертатсия ва фишурдаи он корҳои илмии олимони ватанӣ ба кадри кофӣ таҳлилу баррасӣ нагардидаанд.

3. Беҳтар мешуд агар муаллиф оид ба ҷабҳаҳои назариявиву методологии мавзуъи мазкур васеътар истода мегузашт.

4. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ ва фишурдаи он хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори Муассисаи давлатии таълимии
“Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” Давлатзода Ҷамила

25.08.2024.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735020. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Ҳисор, к. Камоли Хуҷандӣ 2А. Тел: (8 -3139) 25-4-30, Факс: +9928313925430; 907950635.
Элек. почта: koh@koh.tj, kgissl2@mail.ru

Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳои
Муассисаи давлатии таълимии
“Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор” Ниёзова З.